# Ҳукми рузи ошуроро танҳо руза гирифтан

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

**Нависанда: Муҳаммад Солиҳ ал-Мунаҷҷид**

**Тарҷумаи: Мусаби Ҳамза**

2009 - 1430

islamhouse.com

# حكم إفراد عاشوراء بالصيام

« باللغة الطاجيكية »


تأليف : محمد صالح المنجد

ترجمة : مصعب حمزة



2009 - 1430

islamhouse.com

*Савол: Рузи ошуроро руза гирифтан мехоҳам, вале баъзеҳо мегуянд ки суннат ин аст, ки ҳамроҳаш рузи нуҳумро ҳам руза бигири, оё ягон ривояте аз Расули Худо (с) омадааст ки рузи нуҳумро ҳамроҳаш руза гирифтан лозим аст?*

Ҷавоб: Абдуллоҳ ибни Аббос (р.з) мегуяд: Вақте ки Расули Худо (с) рузи ошуроро руза гирифт ва амр кард, ки мусалмонон руза бигиранд, гуфтанд: Эй Расули Худо имруз (рузи ошуро) рузе аст ки Яҳудиён ва Насрониён имрузро таъзим ва бузургдори мекунанд. Пас Расули Худо (с) гуфт: "Вақте ки соли оянда биёяд рузи нуҳумро руза мегирем" Соли оянда наомада расули Худо (с) вафот ёфтанд. Ривояти Муслим 1916.

Имом Шофеъи ва асҳобаш ва имом Аҳмад ва Исҳоқ ва дигарон гуфтаанд, ки: Рузи нуҳумро бо ҳамроҳии даҳум (ошуро) руза гирифтан мустаҳаб аст, зеро расули Худо (с) рузи даҳумро руза гирифт ва ният кард ки соли оянда рузи нуҳумро ҳамроҳаш руза мегирад.

Ва бинобар ин руза гирифтани ошуро чанд мартаба аст, камтарин ҳолаташ ин аст ки танҳо рузи ошуроро руза бигири, ва баъди он ин ки рузи нуҳумро ҳамроҳи рузи ошуро руза бигири, ва ҳар чанд руза гирифтан дар моҳи муҳаррам зиёд бошад ҳамонқадар беҳтару хубтар аст.

Агар касе пурсад ки ҳикмат аз рузи нуҳумро ҳамроҳи даҳум руза гирифтан дар чи аст?

Ҷавоб ин аст ки:

Имом Навави (р.ҳ) мегуяд: Олимон ҳикмати мустаҳаб будани рузаи рузи нуҳумро бо ҳамроҳии рузи даҳум дар чанд ваҷҳ зикр кардаанд:

1- Ин ки мурод аз руза гирифтани рузи нуҳум мухолафати кардани Яҳудиён аст, зеро онҳо фақат рузи даҳуми муҳаррамро руза мегиранд. Ва инро ибни Аббос ривоят кардааст (яъне Яҳудиён фақат рузи даҳумро руза мегиранд, пас вақто ки мо рузи нуҳумро ҳамроҳи даҳум мегирем ин мухолифат кардани яҳудиён мешавад).

2- Инки мақсад пайваст кардани рузи ошуро аст (яъне танҳо руза нагирифтанаш) чигунае ки рузи ҷумъаро танҳо руза гирифтанаш наҳе шудааст.

3- Эҳтиёт кардан дар руза гирифтани рузи ошуро, зеро иҳтимол дорад ки дар ҳисоб хато шавад ва рузи нуҳум рузи даҳум бошад пас дар ин ҳолат рузи даҳум фавт намешавад.

Ва хубтарин ва наздиктарини ин се нуқта назар ба аҳли китоб (Яҳудиҳо ва Насрониҳо) кор кардан аст, дар ин рузаи рузи ошуро. далилҳо ин нуқтаназари аввал аст, яъне мухолифи

Шайхулислом ибни Таймия (р.ҳ) мегуяд: Расули Худо дар ҳадиҳои зиёдаш монанди ё ташаббуҳ ба аҳли

китобро наҳе ва манъ кардааст, чигунае ки дар мавзуи ошуро гуфтааст: "Агар то соли оянда зинда бошам ҳатми рузи нуҳумро руза мегирам" Фатовои кубро 6

Ибни Ҳаҷар (р.ҳ) вақте ки ин ҳадисро шарҳ медиҳад "Агар то соли оянда зинда бошам ҳатми рузи нуҳумро руза мегирам" мегуяд: Он чизе ки қасд кард (Яъне расули Худо (с)) дар бораи руза гирифтани рузи нуҳум маънояш ин аст ки фақат рузи даҳумро нагиред, балки нуҳумро бо рузи даҳум бипайвандад, ё барои эҳтиёт, ва ё ин ки мухолифи яҳудиҳо ва насрониҳо амал кунад -ва ин роҷеҳтар аст- ва дигар ривоятҳо дар саҳеҳи Муслим ҳам ин маъноро тарҷеҳ медиҳад. (Фатҳулбори шарҳи Саҳеҳ Бухори 2/245)

(Яъне мухолифи яҳудиҳо ва насрониҳо амал кардан, зеро онҳо фақат рузи даҳумро руза мегиранд пас мо бояд мухолифи онҳо амал кунем ва рузи нуҳуму даҳумро руза гирем).

***Савол: Бар ман рузаи қазои аз моҳи рамазон боқи аст, оё ҷоиз аст ки пеш аз рузаи қазоиро гирифтан, рузи ошуроро руза гирем? Ва оё метавонам рузи ёздаҳуми муҳаррамро ба нияти рузаи қазои бигирам, ва дар ин ҳолат аҷру савоби рузаи ошуроро дарёфт мекунам?***

Ҷавоб: Ҳамд ва шукри беандоза Худовандро....

1- Касе ки рузаи қазои дошта бошад, рузаи нафли намегирад то инки қазояшро ба ҷое биёрад, ва баъд аз он рузаи нафли мегирад.

2- Агар касе рузи даҳум ва ёздаҳумро ба нияти ба ҷой овардани қазои моҳи рамазон бигирад ҷоиз аст, ва ду руза қазои аз гарданаш соқит мешавад, чигунае ки дар ҳадиси расули Худо (с) омадааст ки гуфт: "Ҳамоно савоби амалҳо вобаста ба ният аст, ва бо ҳар кас мувофиқи нияташ муомила мешавад". (Фатовои лаҷнаи доима 11/401).

Ва умед аст ки аҷри қазои ва аҷри рузаи онрузро (яъне рузи ошуроро) бигири. (Фатовои манори Ислом, ибни Усаймин 2/358).

***Савол: Оё ҷоиз аст ки фақат рузи ошуроро (даҳуми муҳаррамро) руза гирам? Яъне як руз пеш аз ошуро (нуҳум) ё як руз баъдашро (ёздаҳуми муҳаррам) ҳамроҳаш руза нагирам?***

Ҷавоб: Ҳамд ва шукри беандоза Худовандро....

Шайхулислом ибни Таймия мегуяд: Руза гирифтани рузи ошуро сабаби пок шудан ва бахшидани гуноҳони яксола (яксоли гузашта) аст. Ва танҳо ин рузро руза гирифтан кароҳияте надорад.(Фатовои кубро 5) Яъне танҳо рузи даҳумро руза гирифтан макруҳ нест.

Ва ибни Ҳаҷари Ҳайтами мегуяд: Ва ошуроро танҳо руза гирифтан боке надорад. (Туҳфатулмуҳтоҷ 3).

Лаҷнаи доима барои фатво аз ин масала пурсида шуд, ин гуна ҷавоб доданд: Руза гирифтани рузи ошуро ба танҳоги якруз ҷоиз аст, вале руза гирифтани якруз пеш ё як руз баъди ошуро ҳамроҳаш афзалу беҳтар аст. Ва ин аз расули Худо (с) собит аст, чуноне ки Ӯ

(с) гуфтааст: "Агар то соли оянда зинда бошам ҳатми рузи нуҳумро руза мегирам" риаояти Муслим 1134

Ибни Аббос (р.з) мегуяд: Яъне ҳамроҳи рузи даҳум. (Лаҷнаи доима барои баҳсҳо ва фатвоҳо 11/401).